**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ»**

**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ВА МИЁНАИ УМУМӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**ДУШАНБЕ – 2024**

Бо қарори шурои олимони Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» аз 30 сентябри соли 2024, № 9/8-52 тасдиқ гардидааст.

**Мураттибон: И. Абдуллоев, Х. Мусоев, М.Одилзода, У. Файзалӣ,** - омӯзгорони калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ.

**Муқарризон**: **Ф. Гулматов** - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**М. Азизова** - сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳарир: И.Абдуллоев** - н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ.

# ПЕШГУФТОР

Дар замон муосир ривоҷ ёфтани методикаи таълим, тағйир ёфтани стандартҳои фаннию барномаҳои таълиму китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла, хониши адабию забони тоқикӣ, ҷаҳонишавии сохтори маорифи ҷумҳурӣ ба барномаи курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ворид намудани тағйиру иловаҳо амри воқеист.

Барномаи таълимии мазкур бо дарназардошти навгониҳои соҳа бо мақсади баландбардории маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ вобаста ба ниёзӣ омузгорони синфҳои ибтидоӣ дар самтҳои банақшагирии ҷараёни таълим, татбиқи муносибатӣ мусбат, таълими забони тоҷикӣ, хонишӣ адабӣ, математика ва таҳсилотӣ фарогир мураттаб гардидааст.

Дар барнома оид ба масъалаҳои мубрами соҳаи маориф, аз ҷумла, асосҳои назарияи методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ дар мисоли мазмуни таҳсилот, таҳлили мазмун ва мундариҷаи маводди китобҳои дарсӣ, методикаи муосири таълими фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ, стратегияҳои хониш ва дарки маънои матнҳои хондашуда, қоидаҳои асосии иннноватсионии таълими фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ва монанди инҳо маълумоти зарурӣ дода шудааст.

Дар маҷмуъ барнома асосҳои методикаи таълими ибтидоиро фаро гирифта, тибқи стандартҳои фаннӣ таҳия гардидааст. Зиёда аз ин дар барнома оид ба масъалаҳои методикаи таълими грамматика, имло, малакаҳои ҳисобкунӣ, маҳорати сурудан, сохтану тасвиркунӣ машқҳои ҷисмонӣ, усулҳои ташаккул додани қобилиятҳои маърифатию эҷодӣ, ангезиши зеҳн, истифодаи усулҳои интерактивии таълим, намудҳои гуногуни корҳои мустақилона, дунафара, гурӯҳӣ, иҷрои тестҳо ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Татбиқи чунин методҳои муосири таълим дар раванди дарсҳо аз ҷониби омӯзгорони кафедра тавассути воситаҳои техникӣ (ноутбук, компютер, слайдҳо, суратҳои таълимӣ, руйнамо ва ғайра) ҷараён мегирад.

Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим аз омӯзгорон дониш, малака ва маҳорати хуби касбиро талаб мекунад, аз ин лиҳоз, барномаи таълимии мазкур самтҳои самараноку таҳқиқшудаи илмҳои педагогика, психология ва методикаи таълимро баррасӣ карда, шунавандагонро омӯзгорони синфҳои ибтидоиро бо донишҳои зарурӣ мусаллаҳ мегардонад.

Барномаи мазкур барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавсия карда мешавад.

Ҳамаи филиалҳои такмили ихтисоситобеи ДҶТИБКСМ вазифадоранд, ки фаъолияти таълимиро аз рӯйи барномаи марказонидашуда ба роҳ монанд.

## МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ

Барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсия миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти фанҳои синфҳои ибтидоӣ, китобҳои дарсӣ ва замимаҳо, Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома ва Оинномаи МД ДҶТИБКСМ, ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Барномаи КТИ-и омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мураттаб гардида, ба қисматҳои зерин ҷудо мешавад:

- Асосҳои назарӣ ва амалии методикаи таълими ибтидоӣ;
- Методикаи таълими забони модарӣ;
- Методикаи таълими математика;
- Методикаи таълими табиатшиносӣ;
- Методикаи таълими санъат ва меҳнат;
- Методикаи таълими суруд ва мусиқӣ;
- Методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ.

**Мақсади асосии барнома** аз шинос намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёриву ҳуқуқии фаъолияти кормандони соҳаи маориф, таълимгоҳҳо ва ташаккули салоҳияти истифодаи дастовардҳои пешқадам ва назарраси олимону мутахассисони ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи маориф аз ҷумла, истифодаи Стандарти давлати таҳсилоти умумӣ, стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, стандартҳои фаннӣ ва муносибати босалоҳият ҳангоми таҳияи нақшаи тақвимӣ ва нақшаи дарс, истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълим, воситаҳои арзёбӣ ба иборат аст.

**Талаботи барнома**. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар анҷоми курс ба салоҳиятҳои зерин ноил мешаванд:

- тибқи талаботи Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ нақшаи дарсӣ таҳия карда тавонанд;

- ҳангоми таълими фанни «Забони модарӣ» методикаи муосири таълим ва воситаҳои арзёбии онҳоро муайян карда тавонанд: бурро ва беғалат хондан; қироат барои дарки маънӣ ва мақсади асосии матн; таҳлили ахбор;

хушнависӣ; навиштани нақли хаттӣ, иншо ва хелҳои он, табрикномаю эълонҳо; озодона ва пайдарҳам баён намудани фикр, ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони адабӣ; таҳлилу хулосабарорӣ ва тақвият додани фикр тавассути ахбори хондаю шунида; машқи грамматика ва имло; луғатомӯзӣ; воситаҳои арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон ҳангоми хондан, навиштан, гуфтан, таҳлил, машқи таҳлили граматика ва имло;

-ҳангоми таълими фанни «Математика»: омӯзиши қатори ададҳои натуралӣ ва хосиятҳои он, тасаввуроти фазоӣ ва вақт; таълими амалҳои арифметикӣ ва ташаккули малакаҳои ҳисоббарории хонандагон; таълими ҳалли масъалаҳо; методикаи таълими маводди геометрӣ, алгебравӣ ва бузургиҳоро истифода бурда тавонад;

- ҳангоми таълими фанни «Табиатшиносӣ»: такмили донишҳои зарурии хонандагон дар бораи муҳити атроф; пайдо намудани қобилиятҳои дарки гуногун ва ягонагии олам, ҳамбастагии ҳодисаҳои табиат; фароҳам овардани имконияти ташаккули малакаҳои мушоҳидаи ҳодисаҳои атроф ва гузаронидани таҷрибаҳо; ташаккули тафаккурии хонандагон оид ба фарқ карда тавонистани мафҳумҳо, ашё, ҷисмҳо, ҳодисаҳо ва ба системаи муайян даровардани донишҳо оид ба табиат; ташаккули фаҳмиши илмии хонандагон дар бораи олам; тарбияи муносибати эҳтиёткорона ба олами атроф, ташаккули маданияти экологии хонандагон, бедор намудани масъулиятшиносӣ оид ба муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ; бедор намудани ҳисси масъулият нисбат ба беҳдошти саломатии худ ва атрофиён;

-ҳангоми таълими фанни «Санъат ва меҳнат»: инкишофи малакаю маҳорати рассомӣ, ороиш ва сохтани ашё; тарбияи меҳнатӣ, зебоипарастӣ, ва касбии мактабиён; дар хонандагон бедор кардани тарбияи меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон; инкишофи қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ;

-ҳангоми таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ»: сурудан ва навохтани асбобҳои мусиқӣ; хондани нотаҳо; иҷрои рақсҳои халқҳои гуногун; шиносоӣ бо урфу одатҳои мардумӣ; омӯхтани ҳунар, санъату фарҳанг. Қисмҳои асосии фаҳмиши мусиқӣ: ҳис намудани ҳаракатҳои мусиқӣ, дарки шунидани асар; гӯш карда тавонистан, муқоиса кардан;

-ҳангоми таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»: инкишофи ҷисмонии кӯдак, такмилёбии хусусиятҳои ҷисмонӣ, ташаккули мустақилона фаъолият намудан.

Салоҳиятҳои мазкур тавассути санҷишҳои тестӣ арзёбӣ мегарданд. Баъд аз хатм дар ҳолати супоридани имтиҳон ба шунавандагони курс шаҳодатнома супорида мешавад.

**Нақшаи**

**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ | **36** | **14** | **22** |
| 2. | Педагогика ва психологияи касбӣ | **6** | **2** | **4** |
| 3. | Технологияи иттилоотӣ | **4** | **1** | **3** |
| 4. | Менеҷменти сиёсӣ | **2** | **2** | **-** |
| Ҳамагӣ | | **48** | **19** | **29** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

| № | Қисмати барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаммагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | **36** | **14** | **22** |
| **1.** | **Асосҳои назарӣ ва амалии методикаи таълими ибтидоӣ** | **8** | **3** | **5** |
| **1.1.** | Маълумот дар бораи мазмуни таҳсилоти синфҳои ибтидоӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.2.** | Асосҳои илмию педагогӣ ва методии китобҳои дарсӣ Алифбо, Забони тоҷикӣ, Хониши адабӣ ва Математикаи нашри охир | 2 | 1 | 1 |
| **1.3.** | Инкишофи малакаи тафаккури интиқодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ | 1 | 1 | - |
| **1.4.** | Метод ва усулҳои фаъоли умумитаълимӣ (кластер (хӯша), диаграммаи Венн, МДД, пешгӯйӣ, Барои чӣ?, рӯзномаи дубахша, Т-нақша ва ғайра) | 2 | - | 2 |
| **1.5.** | Роҳҳои таҳияи портфолиои омӯзгор ва хонанда. | 1 | - | 1 |
| **2.** | **Методикаи таълими забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ** | **10** | **4** | **6** |
| **2.1.** | Методи таҳлилу таркиби овозӣ дар дарсҳои таълими савод | 1 | 1 | - |
| **2.2.** | Имло ва хелҳои он. Кор бо ғалатҳои имлоӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо. | 1 | - | 1 |
| **2.3.** | Стратегияҳои хониш ва дарки маънои матн. Тарзҳои хониши равону бурро. Савол ва хелҳои он. Нақл ва хелҳои он. Методҳои ба роҳ мондани луғатомӯзӣ. | 2 | 1 | 1 |
| **2.4.** | Аҳамияти истифодаи фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда ҷиҳати инкишофи малакаҳои хониш ва хат. Роҳҳои ташаккули малакаи хушнависӣ. | 2 | 1 | 1 |
| **2.5.** | Роҳҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати дониши хонандагон. | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **2.6.** | Роҳу усулҳои эҷод намудани матнҳои хаттии гуногун. Нақли хаттӣ, иншо ва хелҳои он | 1 | - | 1 |
| **2.7.** | Таҳияи намунаи нақшаи дарси яксоатаи забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ бо усули интерактивӣ | 1 | - | 1 |
| **3.** | **Методикаи таълими математика** | **8** | **3** | **5** |
| **3.1.** | Принсипҳои инноватсионии таълими математика | 1 | 1 | - |
| **3.2.** | Методикаи таълими адад ва амалҳои арифметикӣ. Ҳалли масъалаҳо бо ёрии амалҳои арифметикӣ | 1 | - | 1 |
| **3.3.** | Методикаи таълими маводи геометрӣ. Масоҳат ва периметр | 1 | 1 | - |
| **3.4.** | Бузургиҳо. Методикаи таълими бузургиҳо. Муайян кардани вақт, суръат ва масофа. Ададҳои номдори сода ва таркибӣ. | 1 | - | 1 |
| **3.5.** | Методикаи ҳалли мисол ва масъалаҳои мураккаби математикӣ. Методикаи таълими ҳисса ва каср | 2 | 1 | 1 |
| **3.6.** | Методикаи таълими муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ | 2 | - | 2 |
| **4.** | **Методикаи таълими табиатшиносӣ** | **2** | **1** | **1** |
| **4.1.** | Табиатшиносӣ - дарки олами ҳастӣ. Омӯзиши системавӣ дар таълими табиатшиносӣ | 2 | 1 | 1 |
| **5.** | **Методикаи таълими фанни « Санъат ва меҳнат»** | **4** | **1** | **3** |
| **5.1.** | Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат». Таълим фанни «Санъат ва меҳнат» бо усулҳои инноватсионӣ | 1 | 1 | - |
| **5.2.** | Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ. Методҳои кор бо маводи табиӣ, қоғаз, картон, ришта ва матоъ | 3 | - | 3 |
| **6.** | **Методикаи таълими суруд ва мусиқӣ** | **2** | **1** | **1** |
| **6.1.** | Таълими малакаҳои сурудан. Ҳамсароӣ. | 1 | 1 | - |
| **6.2.** | Банақшагирии мавзуъҳои таълимӣ ва усулҳои гузаронидани онҳо | 1 | - | 1 |
| **7.** | **Методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ** | **2** | **1** | **1** |
| **7.1.** | Намудҳои асосии машқҳои ҷисмонӣ ва варзишӣ. | 1 | 1 | - |
| **7.2.** | Банақшагирии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ | 1 | - | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | **20** | **8** | **12** |
| **8.1.** | Методикаи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ | 2 | - | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **8.2.** | Намудҳои бозиҳои таълимӣ ва аҳамияти онҳо дар таълими забони тоҷикӣ, хониши адабӣ ва математика | 2 | 1 | 1 |
| **8.3.** | Роҳҳои тайёр намудани кӯдакон ба мактаб. Вазифаи омӯзгори синфи як | 2 | 1 | 1 |
| **8.4.** | Таҳлили сифатҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ | 2 | 1 | 1 |
| **8.5.** | Истифодаи саволномаҳои санҷиши тестӣ дар дарсҳои табиатшиносӣ | 2 | - | 2 |
| **8.6.** | Муносибати босалоҳият ба таълим, зарурат ва фарқияти он аз муносибати анъанавӣ ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| **8.7.** | Арзёбӣ. Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълими забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ | 2 | 1 | 1 |
| **8.8.** | Мавзуъҳои грамматикию имло ва ҷобаҷогузории онҳо | 2 | 1 | 1 |
| **8.9.** | Ба роҳ мондани усулҳои гузаронидани дарсҳои омехта тибқи талаботи педагогикаи муосир | 2 | 1 | 1 |
| **8.10.** | Таҳияи нақшаи яксоатаи дарс барои хониши беруназсинфӣ ва роҳу усулҳои гузаронидани он | 2 | 1 | 1 |

# 1. АСОСҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ

**Мавзуи 1.1. Маълумот дар бораи мазмуни таҳсилоти синфҳои ибтидоӣ.**
Стандарти давлатии фаннӣ (зинаи ибтидоии таҳсилот). Риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилот дар таълими фанҳо. Фарқи барнома аз нақшаи таълим. Муҳимияти барнома дар мавриди таҳияи китобҳои дарсӣ. Мазмуни таҳсилот: нақшаи таълим, стандарти фаннӣ, барномаи таълим, китобҳои дарсӣ.

**Мавзуи 1.2. Асосҳои илмию педагогӣ ва методии китобҳои дарсии Алифбо, Забони тоҷикӣ, Хониши адабӣ ва Математикаи нашри охир.**
Дар таҳияи китобҳои дарсӣ асосҳои педагогӣ, психологӣ ва методии зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:
1. Асосҳои психологӣ, педагогӣ ва методии таълими «Алифбо ва «Забони модарӣ» аз инҳо иборатанд: А) Баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хонандагон; Б) Баҳисобгирии асосҳои педагогӣ; В) Баҳисобгирии ҷабҳаҳои методӣ (нақшбозӣ, кор дар гурӯҳҳо, хушгӯӣ, тест ва ғ.). 2. Вобастагии вазифаҳои таълим ва тарбия (тарбияи сиёсӣ, тарбияи маънавӣ, тарбияи ватандӯстӣ, меҳнатӣ, зебоӣ, ҳифзи саломатии инсон, муҳофизати муҳити зист ва олами ҳайвоноту наботот)
3. Ҷобаҷогузории бобҳои китоб.
4. Истифодаи адабиёти бадеии бачагона ва эҷодиёти шифоҳии халқ, таърихию ҷуғрофӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Мавзуи 1.3. Инкишофи малакаи тафаккури интиқодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ.**

Дарки мафҳуми интиқод ва тафаккури интиқодӣ. Шарҳи мафҳуми тафаккури интиқодӣ. Дар амалия татбиқ кардани тафаккури интиқодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ. Интиқод чист? Хусусиятҳои фардии тафаккур. Тафаккури интиқодӣ ва инкишофи ҳаматарафаи шахс. Санъати муҳокимаронӣ. Тафаккури интиқодӣ ва озодандешӣ. Пешниҳоди фикри нав-рад кардани ақидаи ҳамсуҳбат бо далелҳо.

**Мавзуи 1.4. Метод ва усулҳои фаъоли умумитаълимӣ (кластер (хӯша), диаграммаи Венн, МДД, пешгӯйӣ, Барои чӣ?, рӯзномаи дубахша, Т-нақша ва ғайра)**

Омӯзгори муосир бояд дар дарс аз усулҳои муосири таълим бештар истифода барад. Масалан, тест, фаъолияти якҷояи омӯзгору талаба, бозиҳои таълимӣ, саҳначаҳо ва дигар машғулиятҳои таълимӣ. Истифодаи усулҳои пешгӯйӣ, МДД, Барои чӣ? ҳамчун инкишофдиҳандаи нутқи шифоҳӣ ва кластер (хӯша), диаграммаи Венн, эссе, синквейн ва монанди

инҳо барои нутқи хаттӣ. Инкишофи нутқ-асоси раванди таълими фанни «Забони модарӣ» (хониши забони тоҷикӣ) дар синфҳои ибтидоӣ. Инкишофи нутқи гуфторӣ ва ботинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Нутқи мураттаб (алоқанок) ва мавқеи он дар таълими фан. Нақши нақли хаттӣ ва иншо бобати инкишофи нутқи хаттии хонандагон. Усули интерактивӣ ва аҳамияти он дар инкишофи малакаҳои хониш ва дарки маъно. Монандӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи нутқи шифоҳӣ аз хаттӣ. Сабабҳои мушкилии омӯзиши нутқи хаттӣ нисбат ба шифоҳӣ. Таъсири хониш ва дарки маъно – хониши баланд, занҷирӣ, иҷрои саҳнача ва монанди инҳо

**Мавзуи 1.5. Роҳҳои таҳияи портфолиои омӯзгор ва хонанда.**

Портфолиои омӯзгор. Портфолио кадом чунин имкониятҳоро фароҳам меоварад. Потфолиоро чӣ тарз бояд оғоз кард ?

Сохтори намунавии потфолиои омӯзгор:

Фасли 1. Маълумоти умумӣ дар бораи омӯзгор;

Фасли 2. Фаъолияти илмӣ-методии омӯзгор;

Фасли 3. Корҳои беруназсинфии фаннӣ;

Фасли 4. Худомӯзии омӯзгор;

Фасли 5. Қисми озод.

Сохтори намунавии потфолиои хонанда:

Фасли 1. Маълумоти умумӣ дар бораи хонанда;

Фасли 2. Фаъолияти хонанда дар дарсҳо;

Фасли 3. Корҳои беруназсинфии хонанда;

Фасли 4. Корҳои эҷодии хонанда;

Фасли 5. Қисми озод.

Луғат-шинохтан ва дарки маънои калимаҳо.Таълими луғат лар дарси забони модарӣ. Марҳилаҳои таълими луғат дар дарси забони модарӣ. Роҳу усулҳои таълими луғат пеш аз хондани матн, дар рафти хондани матн ва баъд аз хондани матн. Усулҳои луғатомӯзӣ дар фанҳои дигар, аз ҷумла математика, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ.

## 2. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ХОНИШИ АДАБӢ

**Мавзуи 2.1. Методи таҳлилу таркиби овозӣ дар дарсҳои таълими савод.**

Методи таҳлил ва таркиби овозӣ. Алоқаманд омӯхтани овозҳо бо ҳарфҳо. Инкишофи нутқи гуфторию навиштории хонандагон. Методҳои саводомӯзӣ: а) методи овозӣ; б) методи ҳарфӣ.

Таҳлили овозию ҳарфии калима – асоси беғалатхонию беғалатнависӣ.

Дар асоси методи таҳлилу таркиби овозӣ тамоми раванди дарсҳои саводомӯзӣ ба ду марҳила тақсим мешавад: а) марҳилаи таҳлил; б) марҳилаи таркиб.

**Мавзуи 2.2. Имло ва хелҳои он. Кор бо ғалатҳои имлоӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо.**

Имло ва хелҳои он. Рӯйнависӣ ва аҳамияти он. Дигар намудҳои имлои таълимӣ ва мақсади истифодаи онҳо. Тарзи гирифтани имло дар синфҳои ибтидоӣ. Имлои санҷишӣ ва таҳлили он. Кор бо ғалатҳои имлоӣ ва роҳу усулҳои пешгирии онҳо.

**Мавзуи 2.3. Стратегияҳои хониш ва дарки маънои матн. Тарзҳои хониши равону бурро. Савол ва хелҳои он. Нақл ва хелҳои он. Методҳои ба роҳ мондани луғатомӯзӣ**.

Аҳамияти хониши буррову равон бобати дарки маънои матн. Мувофиқат намудани хониши босуръат ва оҳанги гуфтор дар ҷараёни дарс; Шинохти калима ва хониши бошуурона.

Қоидаҳои хондани матн. Савти дурусти хониши матн. Аломатҳои китобат ва вазифаҳои онҳо дар хониши матн. Фосилаи калимаҳо ҳангоми хониши матн. Усулҳои эҷод кардани матнҳои ҳаҷман калон.

Стратегияҳои фаъолгардонии дониши пешина. Усули пешгӯйӣ. Муқоиса кардани донишҳои заминавӣ ба донишҳои нав. Баровардани хулоса.

Омӯзгорон малакаҳои дарки маънoии хонандагонро тавассути саволдиҳӣ ва нишон додани он, ки ҷавобҳоро чӣ тавр пайдо кардан мумкин аст, тақвият медиҳанд. Навъҳои саволгузорӣ:

Саволҳои одӣ: Кӣ?, Чӣ?, Кай? , Дар куҷо?, Чӣ кор кард?, Чӣ шуд? ва ғайра.

Саволҳои мантиқӣ: Чаро?, Барои чӣ?, Чӣ хел исбот мекунед?, Бо кадом мақсад?, Чӣ хулоса баровардел? ва ғайра.

Саволҳои эҷодӣ: Агар Шумо мебудед чӣ кор мекардед?, Пас аз хондани ҳикоя кадом ҳиссиёт шуморо фаро гирифт? ва ғайра.

Нақли мазмуни матн. Риояи меъёрҳои маҳорати нақл кардан. Хелҳои нақл: муфассал, мухтасар, интихобӣ ва эҷодӣ. Риояи меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик.

Луғат – шинохтан ва дарки маънои калимаҳо. Истифодаи методҳои самарабахши луғатомӯзӣ бо мақсади дарки маънои матн дар дарси хониши адабӣ, забони тоҷикӣ ва дигар фанҳои таълимӣ.

**Мавзуи 2.4. Аҳамияти истифодаи фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда ҷиҳати инкишофи малакаҳои хониш ва хат. Роҳҳои ташаккули малакаи хушнависӣ.**

Сохта тавонистани нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ. Таҳия намудани намунаи нақшаи яксоатаи дарсӣ бо усули интерактивӣ. Сохтори нақшаи дарс ва ба инобат гирифтани фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда дар он. Мақсади таҳияи намунаи нақшаи дарси яксоата бо усули интерактивӣ ва пешниҳоди он ба шунавандагони курси такмили ихтисос аз он иборат аст, ки омӯзгор дар дарс аз усулҳои муосири таълим бештар истифода баранд. Масалан, тест, фаъолияти якҷояи омӯзгору талаба, бозиҳои таълимӣ, саҳначаҳо ва дигар машғулиятҳои таълимӣ.

Пайдоиши хат. Роҳҳои ташаккули малакаи хушнависӣ.

**Мавзуи 2.5. Роҳҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати дониши хонандагон.**

Арзёбӣ- ҷузъи таркибии раванди таълим. Муайян кардани натиҷа ё мақсадҳои таълимии дарс. Муносибати босалоҳият ба таълим, арзёбӣ, мақсад, принсип ва хусусиятҳои он. Муносибат, усул ва воситаҳои арзёбии малакаву маҳорати хуби банақшагирӣ. Намудҳои арзёбӣ: ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Воситаҳои арзёбӣ.

**Мавзуи 2.6. Роҳу усулҳои эҷод намудани матнҳои хаттии гуногунҳаҷм. Нақли хаттӣ, иншо ва хелҳои он**

Роҳу усулҳои эҷод намудани матнҳои хаттии гуногунҳаҷм. Маълумот дар бораи нақли хаттӣ, иншо ва хелҳои он. Тарзи гузаронидани дарси машқи навиштани нақли хаттӣ (ҳикояи хурд, иншо). Корҳои лоиҳавӣ: сохтани китобчаҳо ва эҷоди матнҳои гуногунҳаҷм. Риояи меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик ҳангоми навиштани имлоҳои гуногун, нақли хаттӣ ва иншо.

**Мавзуи 2.7. Таҳияи намунаи нақшаи дарси яксоатаи забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ бо усули интерактивӣ.**

Пешниҳоди намунаи нақшаҳои дарси яксоатаи забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ бо усули интерактивӣ ва таҳлили он. Кори амалӣ: таҳияи нақшаи дарсӣ аз рӯйи намуна барои дарси хониши адабӣ ва забони тоҷикӣ.

## 3. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

**Мавзуи 3.1. Принсипҳои инноватсионии таълими математика.**

Принсипҳои инноватсионии таълими математика:

- мутобиқати салоҳиятҳои хонандагон ба талаботи Стандарти фанни математика;
- мувофиқати барнома ба дархости ҷомеа ва эҳтиёҷоти шахс;

- мувофиқати мазмуни маводи таълим ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникии ҷомеа ва эҳтиёҷоти шахс;
- дар раванди таълим хонанда меҳвар буда, мо омӯзгорон равандро тарзе ба нақша бигирем, ки талаботи ҳамаи хонандагон фаро гирифта шаванд;
- ба хонандагон имконият дода шавад, ки дар асоси донишу малакаи мавҷуда донишу малакаи навро соҳиб гарданд;
- барои аз худ кардани маводи нави таълим вақти кофӣ ҷудо карда шавад;
- омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим масъуланд;
- омӯзгорон дар таълим аз воситаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ истифода баранд;
- ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва такмили малакаҳо барои хонандагон имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ муҳайё созанд;
- омӯзгорон мазмуну муҳтавои дарсро вобаста ба қобилияти хонандагон мутобиқ созанд;
- ҳама ба ҷиҳатҳои хуби такмилталаби фаъолияти худ воқеъбинона баҳо диҳанд;
- таълим ҳамчун раванди беохир дониста мешавад.

**Мавзуи 3.2. Методикаи таълими адад ва амалҳои арифметикӣ. Ҳалли масъалаҳо бо ёрии амалҳои арифметикӣ**

Ташаккул додани малакаҳои ҳисоббарории шифоҳӣ ва хаттӣ. Бо усулҳои гуногун хондани ифодаҳо. Хосиятҳои амалҳои арифметикӣ ва арзёбии фаъолияти хонандагон. Мафҳуми қатори ададҳои натуралӣ. Таърифи ададҳои натуралӣ. Ҳалли ҳисоббарории шифоҳию хаттии ифодаҳои гуногуни ададҳои бисёррақама. Даҳиҳо. Садиҳо. Ададҳои бисёррақама. Алоқамандии амалҳои арифметикӣ бо амалҳои бисёррақама. Давраи тайёрӣ, омӯзиши нумератсия, омӯзиши ҷамъ ва тарҳ. Рамзҳои математикӣ. Амалҳои арифметикӣ.

Муайян ва бартараф кардани душвориҳо дар таснифоти масъала дар синфҳои ибтидоӣ ва тартиб додани шарти масъала. Муайян намудани тарзи ҳалли дурусти масъалаҳо. Ҳалли масъалаҳо бо ёрии амалҳои арифметикӣ.

**Мавзуи 3.3. Методикаи таълими маводи геометрӣ. Масоҳат ва периметр.**

Мақсади омӯзиши маводи геометрӣ. Пайдо кардани тасаввуротҳои геометрӣ. Ташаккул ёфтани маҳорати шинохтани шаклҳои геометрӣ ва қисматҳои он. Инкишоф додани фикррони мантиқӣ дар хонандагон. Дар нақша тасвир кардани шаклҳо. Инкишофи идрок. Маводи геометрӣ. Намудҳои хатҳо: хати рост, шикаста, порча. Кунҷ ва намудҳои он

Омӯзиши шаклҳои геометрӣ аз рӯйи нақша. Шиносоӣ бо бисёркунҷаҳо. Шинохтани чоркунҷа, квадрат, росткунҷа, секунҷа ва

муқоисаи онҳо. Муайян кардани масоҳат ва периметри фигураҳои геометрӣ. Периметри секунҷа, росткунҷа ва квадрат. Масоҳат ва воҳидҳои масоҳат. Ҷадвали масоҳат. Масоҳати секунҷа, росткунҷа ва квадрат. Палетка ва истифодаи он.

**Мавзуи 3.4. Бузургиҳо. Методикаи таълими бузургиҳо. Муайян кардани вақт, суръат ва масофа. Ададҳои номдори сода ва таркибӣ.**

Бузургиҳо. Воҳидҳо ва ҷадвали ченакҳои дарозӣ, вақт, вазн. Ченаки ғунҷоиш. Арзиш. Ҷадвали ченакҳои арзиш. Асъори миллӣ.

Мафҳуми бузургиҳо. Инкишофи тасаввуроти фазоӣ. Мушоҳидаи тасаввуроти хонандагон оид ба бузургиҳо. Муқоисаи бузургиҳо. Ҷамъ ва тарҳ кардани бузургиҳои якхела. Воҳидҳои ченаки якхела. Зарб ва тақсими бузургиҳо ба адад. Алоқамандӣ байни бузургиҳо.

Муносибати байни суръат, вақт ва масофа. Вобастагии байни бузургиҳо вақт, суръат, масофа дар ҳаракати мунтазам. Формулаҳои муайян кардани вақт. Ҳалли масъалаҳо доир ба суръат, вақт ва масофа.

Ададҳои номдори сода ва таркибӣ. Мазмун ва моҳияти ададҳои номдори сода ва таркибӣ. Фарқи ададҳои номдори сода ва таркибӣ. Таркиби ададҳои номдори сода ва таркибӣ. Ҷамъ, тарҳ, тақсим ва зарбӣ ададҳои номдори сода ва таркибӣ. Баргардонидан ададҳои номдори таркибӣ ба ададҳои номдори сода.

**Мавзуи 3.5. Методикаи ҳалли масъалаҳои мураккабӣ математикӣ. Методикаи таълими ҳисса ва каср.**

Ҳалли масъалаҳои мураккаби математикӣ бо ёрии амалҳои арифметикӣ. Ҳалли масъалаҳо бо ёрии муодилаҳо. Ҳалли масъалаҳои мураккаб вобаста ба шаклҳои геометрӣ. Муайян ва бартараф кардани душвориҳо дар таснифоти масъала дар синфҳои ибтидоӣ ва тартиб додани шарти масъалаи мураккаби матемактикӣ. Муайян намудани тарзи ҳалли дурусти масъалаҳои мураккаби математикӣ.

Ҳисса. Хондан ва ба намуди каср навиштани ҳиссаҳо. Ёфтани ҳиссаи адад. Ёфтани адад аз рӯйи ҳисса. Муқоисаи ҳиссаҳо. Масъалаҳо оид ба ёфтани ҳиссаҳо. Каср. Хондан ва навиштани каср. Муқоисаи ҳисса ва каср. Масъалаҳо оид ба каср. Каср ҳамчун ҳосили тақсим.

**Мавзуи 3.6. Методикаи таълими муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ.**

Ёфтани адади номаълум. Ёфтани ҷамъшаванда, тарҳшаванда, тарҳкунанда, ҳамзарб, тақсимшаванда ва тақсимкунандаи номаълум. Муодилаҳои сода ва таркибӣ. Ҳалли масъалаҳои сода бо ёрии муодила. Муодилаҳои дуамала.

# 4. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ

**Мавзуи 4.1. Табиатшиносӣ-дарки олами ҳастӣ. Омӯзиши системавӣ дар таълими фанни табиатшиносӣ.**

Дарк намудани олами ҳастӣ. Аз синни хурдсолӣ дар ниҳоди кӯдакон тарбия намудани ҳисси муҳофизати табиат. Маълумот оид ба ҳодисаҳои табиат ва сабабҳои тағийрёбии онҳо. Сарватҳои табиӣ. Маълумот дар бораи об, хок, олами набototу ҳайвоноти кишвар. Узвҳои бадани инсон ва ҳифҳи саломатӣ. Омӯзиши системавӣ дар таълими фанни табиатшиносӣ. Муносибати босалоҳият дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ.

# 5. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

**Мавзуи 5.1. Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат». Таълим фанни «Санъат ва меҳнат» бо усулҳои инноватсионӣ**

Мақсади асосии таълими фан. Роҳҳои инкишофи малакаю маҳорати меҳнатӣ. Рассомӣ, ороиш ва эҷод. Тарбияи меҳнатӣ, зебоипарастӣ ва касбии хонандагон. Санъати графикӣ. Тасвир ва сохтани маснуот аз асл. Истифодаи технологии муосири таълим ва усулҳои инноватсионӣ дар раванди омӯзиши фанни санъат ва меҳнат.

**Мавзуи 5.2. Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ. Усулҳои кор бо маводи табиӣ, қоғаз, картон, ришта ва матоъ**

Маълумот дар бораи ҳунарҳои мардумӣ: гулдӯзӣ, наққошӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, ҳайкалтарошӣ, сабадбофӣ ва ғайраҳо.

Корҳои омехта моделсозии техникӣ, корҳои кишоварзӣ. Гулмонӣ (апплекатсия) - кор бо коғаз ва картон. Методикаи таълими кор бо пластлин ва маводди табиӣ (гул, барг ва шохчаи дарахтон, ҷалғӯза, чормағз, писта, донагиҳо, сангчаҳо ва ғайраҳо). Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ. Пора кардан. Буридани матоъ.

# 6. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

**Мавзуи 6.1. Таълими малакаҳои сурудан. Ҳамсароӣ.**

Қисматҳои иҷрои сурудҳо (яккасароӣ, ҳамсароӣ).Шунидани мусиқӣ Навохтани асбобҳо. Хондани нотаҳо. Қисматҳои асосии фаҳмиши мусиқӣ. Ба гурӯҳҳо ҷудо шудани ҳамсароён.

**Мавзуи 6.2. Банақшагирии мавзуъҳои таълимӣ ва усулҳои гузаронидани онҳо**

Банақшагирии дарс ва аҳамияти он. Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълим. Сатҳи ташаккули мусиқӣ. Ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон.

# 7. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

**Мавзуи 7.1. Намудҳои асосии машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш.**

Тарбияи ҷисмонӣ. Бозиҳои серҳаракат, рақс, варзиши сабук, бозию машқҳои одитарин. Машғулиятҳои мустақилона: Давидан. Ҷаҳидан. Ҳаводиҳӣ.Часпида баромадан. Чорабиниҳои варзишию маданӣ. Бозиҳои миллӣ. Машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳои серҳаракат. Гимнастика. Машқҳо барои обутоби бадан. Усулҳои дурусти роҳгардӣ. Давидан.Ҷаҳидан. Сафкашӣ. Роҳгардӣ дар саф.

**Мавзуи 7.2. Банақшагирии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ**

Таҳияи нақшаи солона ва яксоатаи дарсӣ. Омодагӣ ба дарси тарбияи ҷисмонӣ. Асбобу анҷоми варзишӣ.

Ба инобат гирифтани вазъи саломатии хонандагон, синну сол, ҷинс, ташаккули ҷисмонӣ. Нақшаи яксоатаи тайёрӣ ба дарси тарбияи ҷисмонӣ ва фарқияти он аз дигар фанҳо. Қисматҳои нақшаи яксоатаи дарси тарбияи ҷисмонӣ.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи маориф». Душанбе-2014
2. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2002
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2006.
4. Косепсияи мактаби миллӣ. Душанбе-2000.
5. Муҳити зист барои наслҳои оянда. Дастури таълими оид ба маърифати экологӣ. Душанбе «Маориф ва фарҳанг», 2007.
6. Обу барқ ва истифодаи пурсамари он. Душанбе-2009.
7. Абдуллоев И., Алиев А., Зоолшоева Б. Ва дигарон. Методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ (Модули таълимӣ). Душанбе:- Принт Хаус
8. Абдуллоев И., Абдуллоев З., Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 3. Душанбе: Полиграф групп, 2024.
9. Атахонов Р., Изатуллоев К., Ҳалимов Ғ. Математика: китоби дарсӣ барои синфи 2. Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003.
10. Н.Қодиров, И. Абуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 1,2,3,4). Душанбе «Маориф», 2015.
11. Барномаи таълими забони тоҷикӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе-2012.
12. Искандаров Ҳ., Қаландаров А.Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. Душанбе-2002, саҳ.150
13. Лутфулоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Нашри 2. Душанбе, «Собириён», 2007.
14. Лутфуллоев М. Дарс- Душанбе-1995.
15. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Маориф», 2016.
16. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни математика барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Маориф», 2016
17. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни санъат ва меҳнат барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Маориф», 2016
18. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни тарбияи ҷисмонӣ барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Маориф», 2016.
19. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни табиатшиносӣ барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умуӣ. Душанбе «Маориф», 2016.

20. «Роҳнамои омӯзгор аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфҳои 1-4». Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе «Маориф»,2016.
21. Модули 1 «Низоми таълими салоҳиятнокӣ». Дастур барои омӯзгорон. Душанбе-2016.
22. Модули 2 «Банақшагирии дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо». Дастур барои омӯзгорон. Душанбе-2016
23. Модули 3 «Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ». Дастур барои омӯзгорон. Душанбе-2016.
24. Модули 4 «Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ». Дастур барои омӯзгорон. Душанбе-2016.
25. Р. Довудов, И. Абдуллоев. Рӯзнома оид ба мушоҳидаи табиат (маводи таълимӣ), «Маориф». Душанбе-1986.
26. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д. В. ва Мусина Р. Г. Душанбе-2006.